«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи
соҳибкорӣ ва хизмат
_________ профессор Қодиров Д.Б.
«30» январ соли 2014

# НИЗОМНОМА

дар бораи баргузории озмуни донишкадавии
«Муҳаққиқи ҷавон»

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Озмуни донишкадавии «Муҳаққиқи ҷавон» (минбаъд Озмун) дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат бо мақсади афзудан ва инкишофу равнақ додани фаъолияти илмӣ ва таълимӣ-методии ҳайати муҳаққиқону омӯзгорони ҷавонӣ донишкада доир карда мешавад.

1.2. Мақсад ва вазифаҳои Озмун инҳо мебошанд:
- ҳавасмандкунии фаъолияти илмӣ, инноватсионӣ ва зеҳнии ҳайати муҳаққиқону омӯзгорони ҷавонӣ донишкада;
- ташвиқ ва тарғиби илм, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ дар донишкада;
- ҳавасмандкунии инкишофи минбаъдаи касбии ҳайати муҳаққиқону омӯзгорони ҷавонӣ донишкада;
- паҳнгардонии таҷрибаи пешқадами фаъолияти илмӣ ва педагогии муҳаққиқони ҷавон дар пешбурди корҳои илмӣ-инноватсионӣ ва таълимӣ-методии донишкада.

## II. ШАРТҲО ВА ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

2.1. Дар Озмун муҳаққиқону омӯзгорони ҷавонӣ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат бе маҳдудияти вазифа ва унвону дараҷаи илмӣ, ки синашон то 35 сол мебошад, иштирок карда метавонанд. Пешбарии номзадҳо ҷиҳати иштирок дар Озмун аз ҷониби факултетҳо сурат мегирад.

2.2. Озмунӣ донишкадавии «Муҳаққиқи ҷавон» ҳар сол як маротиба гузаронида мешавад. Мӯҳлати гузаронидани озмун бо фармони ректор муқарар карда мешавад: мархилаи I (дар факултетхо) аз 01 декабр то 31 январ, марҳилаи II (донишкадавӣ) аз 01 феврал то 28 феврал.

2.3. Озмун дар ду марҳила гузаронида мешавад:
- *марҳилаи I – дар сатҳи факултетҳо;*
- *марҳилаи II – дар сатҳи донишкада;*

2.4. Иштирокчиёни Озмун ба комиссияи озмунии факултетҳо ҳуҷҷатҳои асосии зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза барои иштирок дар Озмун (Замимаи 1);
- пешниҳод барои иштирок дар Озмун (Замимаи 2);
- номгӯи дастовардҳои фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ ва таълимӣ-методии номзад тибқи нишондиҳандаҳои меъёрӣ (Замимаи 3);

2.5. Интихоб ва пешбарии номзадҳо аз тарафи комиссияи озмунии факултетҳо тибқи меъёрҳои муайяншуда сурат мегирад.

## III. ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАВОДҲОИ БА ОЗМУН ПЕШНИҲОДШАВАНДА

3.1. Баҳодиҳии сатҳ ва сифати дастовардҳои иштирокчиёни Озмун аз тарафи комиссияи озмунии донишкадавӣ анҷом дода мешавад. Ба комиссияи озмунӣ муовинҳои ректор ва олимони намоёни донишкада аъзо шуда метавонанд;

3.2. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба Озмун дар шакли чопӣ (як нусха) пешниҳод карда мешаванд;

3.3. Маводҳое, ки ба талаботи муайяншуда ҷавобгӯ нестанд ва баъд аз ба итмом расидани мӯҳлати кабули ариза ба Озмун пешниҳод мегарданд, баррасӣ намешаванд;

3.4. Ҳуҷҷатхои ба Озмун пешниҳодшуда ба соҳибонашон баргардонида намешаванд.

## IV. ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ОЗМУН

4.1. Дар маҷлиси комиссияи озмунии донишкадавӣ натиҷаҳои Озмун ҷамъбаст карда мешаванд;

4.2. Ғолибони Озмун аз рӯи холҳои соҳибшуда ва ҷавобгӯ будан ба талабот муайян карда мешаванд;

4.3. Ба даври дуюми Озмун довталабоне, ки аз 6 меъёр нишондиҳандаҳояшон ба сифр баробар аст, роҳ дода намешаванд;

4.4. Дар асоси пешниҳоди комиссияи озмунии факултетҳо ва донишкадавӣ бо назардошти холҳои гирифтаи муҳақиқону омӯзгорони ҷавон ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм муқаррар карда мешавад;

4.5. Ба ғолиби Озмун дипломи «Муҳаққиқи ҷавон» супорида мешавад;

4.6. Иштирокчиёне, ки ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол менамоянд, бо ифтихорнома сарфароз гардонида мешаванд;

4.7. Андозаи мукофотҳо бо қарори махсуси раёсати донишкада муайян карда мешавад.

*Замимаи 1*

## АРИЗА

*барои иштирок дар Озмуни «Муҳаққиқи ҷавон»*

Ному насаб ва номи падари иштирокчӣ______________________________

____________________________________________________________

Вазифа, унвон ва дараҷаи илмӣ________________________________

____________________________________________________________

Рақами телефон ______________________________________________

E-mail ______________________________________________________

Иштирокчии озмун _____________ ___________________________
(имзо) (Ному насаб)

*Замимаи 2*

# ПЕШНИҲОД

*ба озмуни «Муҳаққиқи ҷавон»*

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

(номи пурраи кафедра ва факултет)

номзадии____________________________________________________

(вазифа, унвон ва дараҷаи илмӣ, ному насаб ва номи падар)

___________________________________________________________- ро

барои иштирок дар________________________________________

(номи озмун)

______________________________________________________________________

пешниҳод менамояд.

*Асос барои пешбарии номзад (дастовардҳо дар самти фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ ва таълимӣ-методӣ)*

Раиси комиссияи озмунии факултет ________ ____________________

(имзо) (ному насаб)

*Замимаи 3*

# МЕЪЁРҲОИ

*асосии баҳодиҳӣ дар озмуни донишкадавии «Муҳаққиқи ҷавон»*

| Р/Т | МЕЪЁРҲОИ БАҲОДИҲӢ | ХОЛҲО |
|---|---|---|
| 1. | Барои ҳимояи:<br>*- рисолаи номзадӣ* | 3 |
| 2. | Барои нашри китобҳои дарсӣ, монографияҳо ва васоити таълимӣ (барои як номгӯй):<br>*- мустақилона*<br>*- дар ҳаммуаллифӣ* | 1<br>0,5 |
| 3. | Барои нашри васоит ва комплекси таълимӣ-методӣ (барои як номгӯй):<br>*- мустақилона*<br>*- дар ҳаммуаллифӣ* | 0.4<br>0.2 |
| 4. | Барои чопи як мақолаи илмӣ:<br>*дар нашриёҳои хориҷӣ (мустақилона/дар ҳаммуалифӣ)*<br>*дар нашриёҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии ФР тавсияшуда (мустақилона/дар ҳаммуалифӣ)*<br>*дар нашриёҳои дигар (мустақилона/дар ҳаммуалифӣ)* | 1/0,5<br>0,5/0,3<br>0,2/0,1 |
| 5. | Барои чопи мақолаҳо ва фишурдаи онҳо (барои як маърӯза)<br>*- дар конфронсҳои байналмилалӣ*<br>*- дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ*<br>*- дар конфронсҳои дохилидонишкадавӣ* | 0.3<br>0.2<br>0,1 |
| 6. | Барои роҳбарӣ ба донишҷӯе, ки:<br>*- дар конференсияи байналмилалӣ маърӯза намудааст*<br>*- дар конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст* | 0,2<br>0,1 |
| 7. | Барои роҳбарӣ ба донишҷӯе, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявии фаннӣ ғолиб гардидааст | 3 |
| 8. | Барои ихтироъкорӣ ва ба даст овардани патент | 4 |
| 9. | Барои иштирок дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тибқи шартномаҳои хоҷагидорӣ ва буҷетӣ | 3 |
| 10. | Барои ба даст овардани диплому медалҳо:<br>*- дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ*<br>*- дар озмунҳои хориҷӣ* | 2<br>4 |
| 11. | Барои дигар намуди корҳои илмӣ, таълимӣ, ташкилӣ, ҷамъиятӣ ва тарбиявӣ | 0,3 |